ХУЛОСАИ
шурои диссертатсионии 6D.KOA-113 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ

Парвандаи аттестатсионии № _____
Қарори шурои диссертатионӣ аз 17.11.2026, № 20

Барои сазовор донистани Солеҳзода Шоира Солеҳ, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ.

Диссертатсияи Солеҳзода Шоира Солеҳ дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика. 5.3.5.3. Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ ба ҳимоя 29 сентябри соли 2026 таҳти протоколи №15 дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-113 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17), ки дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2025, № 495 ш/д таъсис дода шудааст, барои ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Солеҳзода Шоира Солеҳ, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 13-уми феврали соли 1978 таваллуд шуда, соли 2002 «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»-ро аз рӯйи ихтисоси рӯзноманигор-омӯзгор хатм намудааст. Соли 2008 дар мавзуи «Вижагиҳои санъати таҷнис дар назми классикии форсу тоҷик (асрҳои X-XV)» рисолаи номзадӣ дифоъ кардааст.

Диссертант Солеҳзода Шоира Солеҳ докторанти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (2021-2026) ба ҳисоб мерафт. Солеҳзода Шоира Солеҳ баъди хатми донишгоҳ фаъолияташро ба сифати омӯзгор аз соли 2002-юм дар кафедраи услубиёт ва маданияти нутқи факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров оғоз намудааст. Аз соли 2010-ум то имрӯз ба сифати дотсент дар кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ машғул мебошад. Бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ соҳиби унвони илмии дотсент аз рӯйи ихтисоси адабиётшиносӣ гардид.

Диссертатсияи Солеҳзода Шоира Солеҳ дар кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» иҷро шудааст.

Мушовири илмӣ: Негматов Саъдуллоҷон Эргашевич - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқарризони расмӣ:

1. **Иматзода Лутфия Маҳмадулло** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии АТТ;

2. **Абдураҳимзода Қудратулло Саид** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогика ва психологияи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Боҳтар ба номи Носири Хусрав»;

3. **Қосимов Олимҷон Ҳабибович** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, бак диссертатсия тақризҳои мусбат доданд.

Муассисаи тақриздиҳанда: Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, дар тақризи мусбати худ, ки аз тарафи раиси ҷаласа – Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир - доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёт, эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ – доктори илмҳои филолологӣ, профессори кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (фаронсавӣ ва олмонӣ)-и Сайфуллоева Зарина Хайруллоевна ва котиби ҷаласа — номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёт Турсунова Мунаввара Азамовна имзо шудааст ва бо имзову муҳри ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода А.И. санаи 28 августи соли 2026 тасдиқ шудааст.

Дар тақризи додашудаи муассисаи пешбар қайд гардидааст, ки диссертатсияи доктории Солеҳзода Шоира Солеҳ дар мавзуи «Асосҳои илмӣ-методии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва мавқеи онҳо дар рушди фарҳанги нутқи хонандагон» таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ мувофиқ мебошад. Ҳамчунин дар тақризи муассисаи пешбар омадааст, ки кори диссертатсионии Солеҳзода Ш.С. дар такя ба маводди осори назариявӣ ва методии педагогӣ, забоншиносӣ, равишшиносӣ ва равоншиносӣ рӯйи кор омадааст ва дар таҳқиқоти минбаъдаи самти педагогика ва методикаи таълими забони тоҷикӣ дорои аҳаммияти хоса мебошад. Аз назари эксперти муассисаи тақриздиҳанда маводди нашрнамудаи муаллиф натиҷаи таҳқиқ ва хулосабарориҳои муаллифи диссертатсия буда, мудаллал ва собитшуда аст. Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023, таҳти №295) тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.

Педагогика. 5.3.5.3. Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ сазовор аст.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок мегардад, ки муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар мутахассисони бевоситаи соҳа буда, дар корҳои илмиву таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар самти диссертатсияи баррасишаванда асару мақолаҳо таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот доранд.

Довталаби дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи диссертатсия 2 монография, 8 дастури таълимӣ-методӣ, 64 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 19 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст. Мазмуни автореферат ва мақолаҳои интишорёфта ба муҳтавои диссертатсия пурра мувофиқат мекунанд.

Интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:

I. Монографияҳо:

[1-М] Солеҳзода Ш.С. Такмили фарҳанги нутқи хонандагон ва таҳкими арзишҳои миллӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2025. – 210 с.

[2-М] Солеҳзода Ш.С. Таҳқиқ ва таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2026. – 350 с.

II. Мақолаҳои чопшуда дар нашрияҳои бақайдгирифтаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[3-М] Пулодова Ш.С., Маҳмадшоев М. Мавқеи осори ғиноӣ дар ташаккули дониш ва зебошиносии муҳассилин // Номаи Донишгоҳ, № 4 (69), 2021. – С.161 – 166.

[4-М] Пулодова Ш.С. Ҷойгоҳи Камоли Хуҷандӣ дар барномаи таълими адабиёти тоҷик // Номаи Донишгоҳ, №4 (73), 2022. – С. 245-251;

[5-М] Пулодова Ш.С. Арзишҳои миллӣ-ахлоқӣ ва масъалаи тарбияи хонандагон // Паёми Донишгоҳи Хоруғ, № 3 (27) 2023. – С.9-14;

[6-М] Пулодова Ш.С. Роҳҳои такмили фарҳанги нутқи хонандагон зимни таҳлили осори манзум // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, №4 (49), 2023. – С. 17-22.

[7-М] Пулодова Ш.С. Вижагиҳои таълими ашъори ирфонӣ дар дарси адабиёт // Номаи Донишгоҳ, № 4 (77), 2023. – С. 120-129.

[8-М] Пулодова Ш.С. Ташаккули дониш ва тарбияи миллӣ-ахлоқии муҳассилин // Паёми Донишгоҳи Хоруғ, №2 (30), 2024. – С.16-22.

[9-М] Пулодова Ш.С. Зарбулмасалу мақол – манбаи инкишофи нутқи хонандагон // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, № 1 (50), 2024. – С. 48-58.

[10-М] Пулодова Ш.С. Арзишҳои миллӣ-ахлоқии панду ҳикмат ва истифодаи он дар таълими забони тоҷикӣ // Паёми Донишгоҳи забонҳо, № 3 (55), 2024. – С.268-276.

[11-М] Пулодова Ш.С. Таълими хониши мустақилона ва ҳифзи арзишҳои миллӣ // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф, №1 (45), 2024. – С.64-73.

[12-М] Пулодова Ш.С Пешвои миллат ва масъалаҳои тарғиб ва нашри «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ // Паёми Донишгоҳи Хоруғ, № 2 (30), 2024. – С.111-118.

[13-М] Пулодова Ш.С Мавқеи Ҳофизи Шерозӣ дар барнома ва китобҳои дарсӣ // Номаи Донишгоҳ, № 1 (82), 2025. – С.163-167.

[14-М] Пулодова Ш.С Вазъи умумии омӯзиши зарбулмасалу мақолҳо дар ҷараёни таълими фанни забони тоҷикӣ // Номаи Донишгоҳ, № 4 (85), 2025. – С.288-294.

[15-М] Пулодова Ш.С Ҷанбаҳои назарии маданияти нутқ дар сарчашмаҳои илмӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав, № 1/ 4 (140), 2025. – С.65-69.

[16-М] Неъматов С.Э., Пулодова Ш.С Забони адабӣ - меъёри асосии фарҳанги нутқи хонандагон // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф, №4 (52), 2025. – С.55-61.

[17-М] Пулодова Ш.С Мавқеи «Маснавии Маънавӣ» дар барнома ва китобҳои дарсӣ // Паёми Китобхонаи миллӣ, 2025, №4 (12). – С.120-127.

[18-М] Солеҳзода Ш.С, Кенҷазода М. С. Ҳофизхонӣ – мактаби суханварӣ ва камолоти маънавӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, №1, 2026. – С. 346-353.

[19-М] Солеҳзода Ш.С, Мирмухаммедова П. Аҳаммияти истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ дар раванди таълим // Номаи Донишгоҳ, № 1 (86), 2026. – С.167-172.

[20-М] Солеҳзода Ш.С, Раҷабов Б. М. Инъикоси арзишҳои миллӣ дар назми Гулназар Келдӣ ва хусусиятҳои таълими босалоҳияти он // Паёми Донишгоҳи миллӣ, №2 (87), 2026. – С.230-240.

[21-М] Солеҳзода Ш.С, Раҳмонзода Н. Китоби насли нав - равзана ба оянда // Номаи Донишгоҳ, №2 (87), 2026. – С. 92 - 99

III. Дар маҷмуа ва нашрияҳои дигар:

[22-М] Пулодова Ш.С., Тиллохоҷаева М.Н. Таносуби маъноии калимаҳо дар рубоиёти Рӯдакӣ // Ҷойгоҳи Рӯдакӣ ва забони тоҷикӣ дар муколамаи фарҳангҳо (Маводди конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2008. – 416 с. – С. 318-324.

[23-М] Пулодова Ш.С. Чанд калима дар бораи сарчашмаҳои илми баҳдеи тоҷику форс // Номаи ховаршиносон, №6. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2013. – 320 с. – С.190-198.

[24-М] Пулодова Ш.С. Аҳаммияти омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Пайрав Сулаймонӣ // Маҳзари маъонӣ (маҷ. мақолаҳо). – Хуҷанд: Ношир, 2013. – 280 с. – С.125-129.

[25-М] Пулодова Ш.С., Тиллохоҷаева М.Н. Неруи сухан агар набудӣ воло... // Оинадори ҳусни сухан. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2015. – С. 38-43.

[26-М] Пулодова Ш.С. Шарҳи ҳоли Ҳофизи Шерозӣ дар синфи 7 // Уфуқи андешаҳо (Маҷмуи мақолаҳо). – Хуҷанд: Зиё, 2016. – С. 25-29.

[27-М] Пулодова Ш.С. Садриддин Айнӣ ва масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд // Садриддин Айнӣ ва масъалаҳои рушди адабиёти муосири тоҷик (Маҷмуи маводди конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2018. – С. 282-286.

[28-М] Пулодова Ш.С., Тиллохоҷаева М.Н. Умрҳо бояд, ки бишносӣ забони хешро... // Гулшани андеша (Маҷмуи мақолаҳо). – Хуҷанд, 2019. – 452 с. – С. 431-439.

[29-М] Пулодова Ш.С. Садриддин Айнӣ дар бораи таълифи китобҳои дарсӣ // Устод Айнӣ ва масъалаҳои робитаи адабӣ: Маҷмуаи мақолаҳои конфронси байналмилалӣ. – Душанбе: Сино, 2018. – С.146-150.

[30-М] Пулодова Ш.С «Луғати фурс» – сарчашмаи боэътимоди «Фарҳанги забони тоҷикӣ» // Лексикографияи тоҷик ва дурнамои луғатнависӣ дар Тоҷикистон. – Душанбе: Дониш, 2019. – С.127-134.

[31-М] Пулодова Ш.С, Тиллохоҷаева М.Н. Каломи Камол — камоли маънӣ // Маҷаллаи илмию адабии «Камоли Хуҷандӣ». – Хуҷанд, №3, 2019. – С.37-47.

[32-М] Пулодова Ш.С Омилҳои таъмини самаранокии дарс // Уфуқи андеша. – Хуҷанд: КҲС «Фахри Набӣ», 2019. – С. 27-33.

[33-М] Пулодова Ш.С. Маъниофаринӣ дар шеъри Хоҷа Камол // Ёдкарди Камоли Хуҷандӣ. – Хуҷанд, 2020. – С. 486-492.

[34-М] Пулодова Ш.С., Тиллохоҷаева М.Н. Масъалаҳои рушди методикаи таълими адабиёт дар таҳқиқоти Мирзоҳабиб Аҳмадов // Армуғони дӯстон (Маҷмуаи мақолаҳо). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2020. – С. 137-145.

[35-М] Пулодова Ш.С. Муносибати босалоҳият – маърифатнокии толибилм // Маводди конфронси ҷумҳуриявии «Муносибати инноватсионӣ-интегративӣ ба таълими касбии забонҳои хориҷӣ». – Душанбе: ДОТҶ (РТСУ), 2020. – 301 с. – С.139-144.

[36-М] Пулодова Ш.С. Принсипҳои дидактикӣ ва татбиқи онҳо дар раванди таълим // Маводди конфронси байналмилалии илмии «Challenges in science of nowadays», №6 ИМА. Вашингтон, Маркази нашрияҳои илмии «InterConf», соли 2021. – С.166-172.

[37-М] Пулодова Ш.С. Мактабҳои ҷадидӣ ва нашри китобҳои дарсӣ // Бунёдгузорони нашри китоб дар Осиёи Марказӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2023. – 458 с. – С.234-239.

[38-М] Пулодова Ш.С. Асосҳои назарии ташаккули илми бадеъ ва маонӣ // Нақш ва ҷойгоҳи Заҳириддин Муҳаммади Бобур дар рушди илму

фарҳанги ҷаҳонӣ (Маводди ҳамоиши байналмилалии илмӣ-амалӣ). – Фарғона: ФГУ, 2023. – 1098 с. – С.353-360.

[39-М] Пулодова Ш.С. Васоити ахбори омма ва ҳамбастагии он бо фарҳангу маънавият // Медиакоммуникатсияи маҷозӣ ва реклама: технологияҳои нав ва методологияи таҳқиқ. – Хуҷанд: Ношир, 2023. - 325 с. – С.223-230.

[40-М] Пулодова Ш.С. Ташаккули афкори адабӣ ва зебошиносӣ // Масъалаҳои таълиму тарбия дар низоми таҳсилоти муттасил. Маҷмуи мақолаҳо. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2023. - 371 с. – С.283-286.

[41-М] Пулодова Ш.С., Дӯстова М.С. Омилҳои ташаккули дониш ва салоҳиятнокии муҳассилин дар дарсҳои адабиёти тоҷик // Масъалаҳои таълиму тарбия дар низоми таҳсилоти муттасил (Маҷмуи мақолаҳо). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2023. – 371 с. Хуҷанд: Нури маърифат, 2023. – 371 с. – С.93-99.

[42-М] Пулодова Ш.С. Мактаб, матбуот ва тафаккури созанда // Ҷойгоҳи Садриддин Айнӣ дар рушди забон ва адабиёти тоҷик: Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2023. – 622 с. – С.525- 533.

[43-М] Пулодова Ш.С. Арзишҳои фарҳанги миллӣ дар осори адабӣ // Пешвои миллат ва рушди илм дар Тоҷикистон: Маводди конфренсияи ҷумҳуриявӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2023.-1196 с. – С.729-734.

[44-М] Пулодова Ш.С. Фарҳанги нутқ ва ташаккули салоҳияти иртиботии муҳассилин // Мероси лингвистӣ ва рушди забоншиносӣ (Маводди конференсияи байналмилалӣ). – Андиҷон, 2023. – 470 с. – С.233-237.

[45-М] Пулодова Ш.С. Дарси адабиёт ва маърифати шеър // Масъалаҳои мубрами суханшиносӣ дар ҳавзаҳои илмӣ ва адабии Осиёи Марказӣ (Маводди конференсияи байналмилалӣ). – Хуҷанд: Ношир, 2023. –736 с. – С.229-234.

[46-М] Пулодова Ш.С. Омӯзиши сабку баёни ашъори Камоли Хуҷандӣ дар забоншиносии тоҷик // Мушкилоти муосири фанҳои филологӣ: Маводди Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ. - Фарғона, 2023. - 602 с. – С.357-362.

[47-М] Пулодова Ш.С. Арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ дар замони соҳибистиқлолӣ // Ховаршиносии муосир ва дурнамои рушди он: масоили забоншиносӣ, матншиносӣ ва робитаҳои адабӣ: Маводди Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2024. – 794 с. – С.243-247.

[48-М] Пулодова Ш.С., Бобоева М.С. Сухани бадеъи форсии тоҷикӣ дар партави балоғати арабӣ // Масъалаҳои мубрами филологияи Шарқ ва равобити адабӣ: Маҷмуи мақолаҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2024. – 640 с. – С. 278 – 283.

[49-М] **Пулодова** Ш.С. Фарҳанги сухан ва роҳҳои такмили он // Забон – намояндаи хотираи гузаштаи таърихӣ ва ҳозира (Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ). – Душанбе, 2024. – 498 с. – С.221-223.

[50-М] **Пулодова** Ш.С., **Бобоева** И.А. Мулоҳизаҳо доир ба инкишофи нутқи муҳассилин // Забон – намояндаи хотираи гузаштаи таърихӣ ва ҳозира (Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ - амалӣ). – Душанбе, 2024. – 498 с. – С.268-271.

[51-М] **Пулодова** Ш.С. Мутолиаи осори адабӣ ва таҳкими арзишҳои миллӣ // Нақши санъати тасвирӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар раванди муносибати салоҳиятнокии таълими фанҳои тахассусӣ (Маводди конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ). – Хуҷанд, 2024. – 448 с. – С.153-157.

[52-М] **Пулодова** Ш.С. Мавқеи афоризмҳо дар такмили фарҳанги нутқи хонандагон // Уфуқи андеша: Масоили меҳварии таълими фанҳои филологӣ ва ташаккули салоҳиятҳои касбӣ. Ҷилди 6 (Маводди Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ). – Хуҷанд: **Нури маърифат**, 2024. – 495 с. – С.294-300.

[53-М] **Пулодова** Ш.С. Кор бо матни асари бадеӣ ва рушди салоҳиятнокии хонандагон // Масъалаҳои мубрами филологияи тоҷику узбек: Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2024. – 830 с. – С. 678-688.

[54-М] **Пулодова** Ш.С. Ҷойгоҳи панду андарз дар омӯзишу парвариши насли наврас // Муаммоҳои илму фан аз нигоҳи муҳаққиқон (Дурнамои таҳқиқи фанҳои педагогӣ: Маводди конференсияи байналмилалӣ). – Хуҷанд-Фарғона. – 236 с. – С.50-56.

[55-М] **Пулодова** Ш.С., **Неъматов** С.Э. Инъикоси арзишҳои фарҳангӣ дар ашъори устод Фарзона // Номаи эъҷоз: Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи байналмилалӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2024. – 630 с. – С.482-487.

[56-М] **Пулодова** Ш.С., **Бобоева И.А.** Роҳҳои инкишофи нутқи муҳассилин зимни таълими забони тоҷикӣ // Усул ва воситаҳои таълими забони русӣ дар шароити муосири дузабонӣ. – Душанбе, 2024. – 360 с. – С.271-277.

[57-М] **Пулодова** Ш.С. Арзишҳои маънавӣ – ҷавҳари ҳастии миллат // Масъалаҳои мубрами филология: ҳадаф ва дурнамо (Маводди конференсияи байналмилалӣ). – Хуҷанд: Кова, 2024. – 1030 с. – С. 933-937.

[58-М] **Солеҳзода** Ш.С. Китоб, ислоҳот ва таҷдиди ҷомеа // Забони рӯсӣ – забони муошрати байни миллатҳо (Маводди конференсияи байналмилалӣ). – Хуҷанд: Дабир, 2025. – 526 с. – С.346-351.

[59-М] **Солеҳзода** Ш.С. Нақши китобҳои дарсӣ дар рушди ҷомеа // Рушди забонҳои туркӣ дар даврони глобализатсия: масъалаҳои забон, маориф, назария ва амалия (Маводди конференсияи байналмилалӣ). – Қаршӣ, 2025. – 521 с. – С.53-58.

[60-М] Солеҳзода Ш.С. Рушди фарҳанги миллӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои он // Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тадқиқи таърихи халқи тоҷик (Маводди конференсияи ҷумҳуриявӣ). – Душанбе, 2025 – 330 с. – С.131-134.

[61-М] Солеҳзода Ш.С. Фарҳанг, ҳувият ва шаклгирии салоҳияти маърифатӣ // Маводди конфронси байналмилалӣ дар доираи Форуми байналмилалии «Ҳамкорӣ баҳри рушди устувор: Сабз. Рақамӣ. Ҳушманд». Қисми 1. – Хуҷанд: Ношир, 2026. – 476 с., – С.438-445.

[62-М] Солеҳзода Ш.С. Раҳнамо ба омӯзандагони забони тоҷикӣ // Уфуқи андеша: Муаммо ва дурнамои илми методикаи таълим дар раванди ҷаҳонишавӣ ва рушди инноватсионӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2026. – 372 с. – С.96-101.

[63-М] Солеҳзода Ш.С. Инъикоси арзишҳои миллӣ дар назми Гулназар Келдӣ ва хусусиятҳои таълими босалоҳияти он // Эҷози Гулназар: Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2026. – 472 с. – С.453-467.

[64-М] Солеҳзода Ш.С., Кенҷазода М.С. Асолати сухан – омили муҳимми рушди фарҳанги миллӣ // Забони давлатӣ – рукни давлатдорӣ (Маҷм. мақолаҳо). – Хуҷанд: Ношир, 2026. – 336 с. – С.148-157

[65-М] Солеҳзода Ш.С., Набизода М.Н. Саҳми Пешвои миллат дар рушди забони давлатӣ аз дидгоҳи профессор Абдусаттор Абдуқодиров // Масъалаҳои мубрами забоншиносии типологӣ, германӣ ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (Маводди конференсияи ҷумҳуриявӣ). – Хуҷанд: Нури маърифат, 2026.– 468 с. – С.25-31.

[66-М] Солеҳзода Ш.С. Аз дониш ба маҳорат: татбиқи салоҳияти маърифатӣ // Интегратсияи илм, забон ва таълим: рӯйкардҳои методии муосир. – Фарғона: Маркази маҳорати педагогӣ, 2026. – 346 с. – С.25-30.

IV. Дастурҳои таълимӣ-методӣ:

[67-М] Абдуқодиров А., Пулодова Ш.С. Маданияти сухан: комплекси таълимӣ-методӣ. – Хуҷанд, 2014. – 110 с.

[68-М] Пулодова Ш.С. Каломи бадеъ: дастури таълимӣ-методӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат 2019. – 132 с.

[69-М] Пулодова Ш.С. Санъати таҷнис: дастури таълимӣ-методӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат 2021. – 104 с.

[70-М] Абдуқодиров А., Воҳидова Н., Пулодова Ш.С. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалисозии сиёсати давлатии забон дар МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров». – Нури маърифат, 2024. – 182 с.

[71-М] Пулодова Ш.С. Ҳусни баёни омӯзгор: комплекси таълимӣ-методӣ. – Хуҷанд, 2024. – 120 с.

[72-М] Солеҳзода Ш.С. Принсипҳои дидактикӣ ва усулҳои фаъоли таълим: дастури таълимӣ-методӣ. – Хуҷанд: Раҳим Ҷалил, 2024. – 160 с.

[73-М] Солеҳзода Ш.С., Раҳмонзода Н. Мутолиа, мулоҳиза, мубоҳиса. Ҷилди 2 (Андарзҳои «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ): дастури таълимӣ-методӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2025. – 150 с.

[74-М] Солеҳзода Ш.С., Бобоева И. Мутолиа, мулоҳиза, мубоҳиса. Ҷилди 1 (Андарзҳои «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Балхӣ): дастури таълимӣ-методӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2026. – 170 с.

Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд аз:

1. **Қодиров Камолиддин Ботирович** – доктори илмҳои психологӣ, профессор, мудири кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи инноватсияи иҷтимоии Тошканд, тақриз мусбат буда, дар он чунин эрод зикр шудааст: 1. Намунаи пурраи як мусаввадаи дарси таҷрибавӣ дар автореферат оварда мешуд, арзиши амалии кор бештар аён мегардид. 2. Дар автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ (с. 17, 35, 66) роҳ ёфтаанд.

1. **Хоҷаева Мубинахон Ҷалоловна** – доктори илмҳои педагогӣ, професор, директори Мактаби русӣ-тоҷикии ба номи А.П.Чехов дар шаҳри Хуҷанд. Тақриз мусбат аст. Қайд намудааст, ки автореферати диссертатсия фарогири муҳассаноти зиёд аст, вале баъзе норасоиҳои ҷузъӣ низ дорад: Дар баъзе саҳифаҳо шарҳи намунаҳо ба таври нисбатан зиёдтар сурат гирифтааст. Баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ (с. 17, 35) дар автореферат роҳ ёфтаанд.

3. **Умаров Абдураҳмон Саидаҳмадович** - доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷӣ ва робитаи байнифарҳангии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Тақризи мусбат буда, дар он чунин эродҳо қайд шудаанд: 1. Дар ҷадвали алоҳида таснифоти пурраи муассисаҳои таълимӣ ва синфҳои ҷалбшуда дар шакли ҷамъбастӣ агар манзур гардад, натиҷаи озмоишҳо боз ҳам равшантар зоҳир мегардад. 2. Дар автореферат баъзе ғалатҳои имлоиву китобат (с.5, 7, 11) ба назар расид.

4. **Тақризи Раҷабзода Маҳмадулло** – доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Тоҷикистон. ;Тақриз мусбат аст. Қайд намудааст, ки баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ва техникӣ ба фоидаи кор хоҳад буд: 1. Баъзе талаботи зикри ҷадвалҳо дар дохили матн, аз ҷумла номгузории ҷадвал ва дар ду саҳифа ҷой гирифтани он риоя нашудааст (саҳифаҳои 47, 48-и гунаи тоҷикӣ ва 50-52-и қисмати русии автореферат). 2. Баъзе фаслҳо аз давоми ҷумлаҳои шарҳи матолиби муқаддимотӣ ҷой дода шудаанд, ба андешаи ин ҷониб зикри рақам ва номи зербоб аз сархат навишта шавад, хубтар аст, дар ҳоле ки шарҳи вожаҳои одӣ аз сархат оварда шудаанд. 3. Дар чанд мавриди фосилаи сархат фурӯгузор гардидааст (масалан, с. 36) ва ғалатҳои имлоиву техникӣ дар автореферат (с.7, 11...) роҳ ёфтаанд.

5. Тақризи Иззатова Муҳаббат Иноятовна – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоии Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мусбат мебошад. Профессор Иззатова М. дар тақризи худ қайд мекунад, ки бо вуҷуди арзёбии мусбати аҳаммияти илмӣ ва амалии диссертатсия, барои такмили минбаъдаи кор чанд мулоҳизаи хусусияти илмӣ-методӣ доштаро баён кардан мумкин аст: 1. Муаллиф ба аҳаммияти таҳлили лексикӣ-семантикии воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамояд. Ба андешаи мо, нишон додани намунаҳои бештар ва муфассали таҳлили як воҳиди забонии мушаххас дар марҳилаҳои гуногуни таълим, аз шарҳи маъно то истифодаи мустақилона дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ, метавонист арзиши амалии тавсияҳоро боз ҳам афзун гардонад. 2. Дар баъзе саҳифаҳо ғалатҳои имлоӣ ва китобӣ ба мушоҳида расид.

6. Давлатшоев Изатулло – доктори илмҳои педагогӣ, ходими калони илмии шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии АТТ. Тақриз мусбат аст. Давлатшоев И. дар баробари дастовардҳо барои такмили минбаъдаи таҳқиқ чунин мулоҳизаҳоро пешниҳод мекунад: 1. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд (саҳ. 15, 57, 66, 116, 185). 2. Дар матни автореферат ҷо-ҷо такрори фикр ба назар мерасад (с. 78, 80). 3. Барои фарқи натиҷаҳои тест, иншо, мусоҳиба ва шарҳи маъно тафсири омории амиқ ба мақсад мувофиқ мебуд.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:

- аз нуқтаи назари танқидӣ анъанаҳои мавҷудаи низоми таълим таҳлилу арзёбӣ гардида, истифода аз шаклу усули самарабахш дар таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар дарсҳои забони тоҷикӣ ва рушди фарҳанги нутқи хонандагон омӯхта шудааст;
- консепсияи лингводидактикии рушди нутқи хонандагон тавассути воситаҳои муосири фаъолгардонии воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ на танҳо ҳамчун раванди омӯзиши луғат, балки чун системаи мукаммали инкишофи тафаккури мантиқӣ ва илмӣ асоснок ва таҳия карда шудааст.
- мавқеи воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар такмили фарҳанги нутқи хонандагони синфҳои V-XI дар раванди дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик муайян карда шудааст;
- нақши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар парвариши аҳлоқи накӯ ва ҳисси худшиносии миллии хонандагон муайян карда шудааст;
- низом ва амсилаи махсуси методӣ барои бой ва ғанӣ гардонидани захираи луғавии хонандагон тавассути воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ таҳия гардидааст;
- методикаи махсуси омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар заминаи таҳлили лексикӣ-семантикии матн дар дарсҳои

забон ва адабиёти тоҷик бо мақсади ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон таҳқиқ ва муайян гардидааст;

- аз таҳлили лексикӣ-семантикии воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ бо истифода аз маводди дидактикӣ ва бо назардошти меъёрҳои дақиқи ташаккули фаъолияти нутқи хонандагон ошкор мегардад, ки дар ин раванд аҳаммияти иртиботӣ, басомади истифода, имкониятҳои равонии дарк, арзишҳои зеҳнӣ-маърифатӣ, ҷанбаҳои тарбиявӣ ва пайдарҳамӣ дар омӯзиши онҳо нақши асосӣ мебозанд;

- ташаккули фараҳанги нутқи хонандагон дар заминаи арзишҳои ахлоқӣ-маънавии воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ тавассути тағйири усули таълим дар раванди машғулиятҳои беруназсинфӣ муқаррар шудааст;

- самарабахшии истифодаи воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ барои рушди фараҳанги нутқ собит гардидааст.

Аҳаммияти натиҷаҳои назарявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:

- таҳия ва тавсифи роҳу усул ва шаклҳои кор бо воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ аз рӯйи матнҳои таълимӣ ба дарки таҷрибаи рӯзгор, ҳикматҳои ниёкон дар робита бо фарҳанги миллии халқи тоҷик ба тарбияи ахлоқӣ-маънавии хонандагон мусоидат мекунанд;

- фаҳмидани ғоя ва андешаҳои амиқи ахлоқӣ-маънавии воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ, ки дар таълиму тарбияи насли наврас мавқеи муҳим доранд;

- дар рисола аҳаммияти омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ҳамчун омили рушди тафаккури интиқодӣ ва таҳлилии хонандагон собит шудааст;

- имконияти шинохти воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва навъҳои он, аз қабили зарбулмасал, мақол, панду ҳикмат, андарз, таъбирҳо ва амсоли он таҳлил ва баррасӣ гаштааст;

- методологияи ҳавасмандгардонии шавқу ҳаваси хонандагон ба омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ тавассути мутолиаи осори адабӣ, матнҳои таълимӣ ва кор бо фановариҳои иттилоотӣ таҳия ва пешниҳод шудааст;

- маводди таҳқиқоти диссертатсиониро метавон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар тайёр намудани омӯзгорон истифода намуд;

- натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми коркарди ҷанбаҳои методии баланд бардоштани арзиши дидактикии китобҳои дарсӣ, самаранокии дарсҳо ва сифати дониши хонандагон истифода гардида, мавриди таваҷҷуҳи мутахассисони соҳаи педагогика, психология ва методикаи таълим қарор гиранд.

Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:

- натиҷаҳои дар амалия санҷидашудаи рисолаи илмӣ, ки ба ташаккули фарҳанги нутқи хонандагон дар заминаи арзишҳои ахлоқӣ-маънавии воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ нигаронида шудаанд, барои истифода дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷики муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ хизмат карда метавонад;

- омода кардани дастурҳои таълимӣ оид ба омӯзиши воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ;

- имкони истифодаи маводди диссертатсия дар таҳқиқотҳои минбаъда;

- баланд бардоштани салоҳияти забонӣ, иртиботӣ ва адабии хонандагон тавассути воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ, ҷустуҷӯйи усули нави кор зимни таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ ва кор бо матни бадеӣ басе самаранок ва муҳим арзёбӣ мегардад.

- таҳияи низоми кор оид ба ташаккули малакаҳои нутқи хонандагон дар ҷараёни таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологӣ дар дарсҳои забони тоҷикӣ, гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфӣ бо такя ба салоҳияти иртиботӣ, истифодаи силсилаи машқҳои пешниҳодшуда ҳангоми таҳриру такмили барнома ва китобҳои дарсӣ ва амсилаи машғулиятҳои таҳияшуда самаранокии таълими воҳидҳои паремиологӣ ва фразеологиро таъмин менамоянд.

- тавсияҳои методӣ метавонанд амалан дар раванди омодасозии омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ, дар курсҳои такмили ихтисос ҷиҳати такмили маҳорати касбии омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва таҳияи диссертатсияву корҳои дигари илмӣ васеъ истифода шаванд.

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дараҷаи асосноки ва дурустии илмиву назариявии таҳқиқоти диссертасионӣ, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодшударо бо асосҳои зерин муайян кардааст:

- ба таври густарда далелнок карда шудани муқаррароти назариявии таҳқиқот дар асоси таҳлилу арзёбии адабиёти илмӣ, бадеӣ, равоншиносӣ, педагогӣ, кори таҷрибавию озмоишӣ оид ба мавзуи таҳқиқот;

– натиҷаи корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ ба тариқи муқоиса, таҳлил ва ҷамъбасти маҷмуи методҳо, ки аз мақсаду вазифаҳои таҳқиқот бо пурра кардани методикаҳои гуногун дар такя бо таҷрибаи ҳосилшуда дар фаъолияти таълимии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёна ҳангоми гузаронидани пурсишнома, пурсишҳои шифоҳӣ бармеоянд, ба даст омадаанд;

- хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ тибқи муқаррароти аввалияи назариявӣ пешниҳод шудаанд;

- **таҷрибаи пешқадами** омӯзгорон омӯхта шуда, дар ҷараёни корҳои таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ-озмоишӣ **мавриди истифода қарор дода шудаанд**;

- **баррасии натиҷаҳои таҳқиқот** дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, мизҳои мудаввару семинарҳои илмиву методӣ ва омӯзишӣ ва **инъикоси муҳтавои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот** дар мақолаҳои илмии муаллиф.

Саҳми шахсии довталаб аз инҳо иборат аст:

- **дар иштироки бевосита**и муалиф дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот ва таҳлили ҳамаҷонибаи масъала;

- **дар ҷамъоварии мавод ва таҳлили амиқи** адабиёти илмӣ, таҳлил ва шарҳу тафсири маълумоти дарёфтшуда ва банизомдарории онҳо, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда;

- **дар банақшагирии дурусту мувофиқи таҳқиқоти** назариявӣ ва озмоишӣ, **таҳлили миқдорӣ ва сифатии** маводду натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои озмоишӣ бадастомада;

- **дар истифодаи маҷмуи зиёди методу воситаҳои таҳқиқотӣ** вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот;

- **дар ташкил ва баргузор кардани таҳқиқоти озмоишӣ**, тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар раванди озмоиш, таҳлили натиҷаҳо ва коркарди маълумот;

- **дар таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ ва тавсияҳои методӣ**, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ ва ироаи натиҷаҳои таҳқиқот, интишори дастури таълимӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада, таҳияи диссертатсия ва монография инъикос меёбад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-113 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 17-уми ноябри соли 2026, № 3 дар бораи сазовор донистани Солеҳзода Шоира Солеҳ бо дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика. 5.3.5.3. – Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 12 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла доктори илм 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 16 нафар ҳайати умумии шуро, овоз доданд: тарафдор – 12 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор **Мухаметов Г.Б.**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ **Абдуллоева Т.М.**

17 ноябри соли 2026